# САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

# EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN

80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp


## БА ОХИР РАСИДАНИ ЛОИХАИ ТАЪМИНИ СИСТЕМАИ ОБТАЪМИНИИ ШАХРИ ХУЧАНД. ДАР ДОИРАИ КӮМАКИ РАСМИИ РУШДИ ҶОПОН

**Душанбе, ТАДЖИКИСТАН**

17 октябри 2024 года **ҷ-би Тошиҳиро АИКИ**, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон, ҳамроҳ бо **ҷ-би Фирдавс ШАРИФЗОДА**, раиси шаҳри Хуҷанд дар маросими анҷоми «Лоиҳаи таъмими системаи обтаъминии шаҳри Хуҷанд» иштирок намуданд. Дар ин маросим намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва сокинони шаҳр низ ширкат доштанд.

Барои татбиқи ин лоиҳа, дар доираи барномаи Ҳукумати Ҷопон "Кӯмакҳои бебозгашт ва амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ" (GGP) бо маблағи $96,145 доллари ИМА грант ҷудо карда шуд. Қаблан беморхонаи вилоятӣ, беморхонаи бемориҳои пӯст, маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии вилояти Суғд ва мактаби рақами 31 ба оби тоза дастрасии кофӣ надоштанд, ки кори ин муассисаҳоро мушкил мегардонд. Дар беморхонахо ва муассисахои санитарӣ барои гузарондани тадбирхои профилактики ба кадри кифоя оби тоза, муассисахои таълимӣ барои фарохам овардани шароити зарурии мактаббачагон намерасиданд. Сарчашмаи об дарёи Сирдарё буд, ки системаи он соли 1982 насб шуда, аз 5 насос иборат буд, вале айни замон танҳо 3-тоаш кор мекунад, ки ин имкон намедиҳад, ки захираи оби захиравӣ дар ҳаҷми зарурӣ нигоҳ дошта шавад.

Татбиқи ин тарҳ барои донишҷӯён ва беморони ин муассисаҳо шароити мусоид фароҳам оварда, кори онҳоро беҳтар ва муҳити солим барои кӯдакон ва сокинони шаҳр фароҳам меорад.

Дар маросим Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **ҷ-би Тошиҳиро АИКИ,** Ҳозирин ва сокинони шаҳрро бо анҷоми бомуваффақияти лоиҳа табрик гуфта, қайд кард, ки Ҷопон дар тӯли беш аз 30 соли ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон ба халқи тоҷик ҳамчун як дӯсти хуб дар соҳаҳои гуногун кӯмак кардааст ва ва инфрасохтори таъмини оби тоза яке аз бахшҳои муҳими ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Ҷопон мебошад.

Раиси шаҳри Хуҷанд ва сокинони шаҳр барои кумакҳои расонидашуда ба Ҳукумат ва мардуми Ҷопон изҳори сипос намуданд.

Ҳукумати Ҷопон ният дорад дастгирии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро идома диҳад.

*Кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ "GGP" тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд мебошад. Кӯмакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ расонида мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ* ***462*** *лоиҳаро ба маблағи умумии* ***$38,3*** *миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст.*

*Для более подробной информации о GGP: [https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html](https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html)*









